*УДК 330*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-4-90-98*

***ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР***

***Шарифзода Мумин Машокир,*** *д.и.и., профессор, ректори ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ***

***Шарифзода Мумин Машокир,*** *д-р экон. наук, профессор, ректор ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***PECULIARITIES OF NATIONAL ECONOMY DEVELOPMENT UNDER MODERN CONDITIONS***

***Sharifzoda Mumin Mashokir,*** *Dr. of Economics, Professor, Rector of the TSULBP (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *muminjon65@mail.ru*

*Масъалаи рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Нахуст муаммоҳои мавҷуда дар самти иқтисодиёт ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Самтҳои асосии рушди мамлакат пайваста ба ҳадафҳои стратегии он - аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон, таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар баррасӣ гардидаанд. Коҳиш ёфтани нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ, сифатан беҳтар гардидани некӯаҳволии аҳолии кишвар бо далелҳои оморӣ нишон дода шудааст. Ба ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ ва сиёсати дурусти пешгирифтаи роҳбари давлат, ки ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат намуданд, ишора шудааст. Нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, аз рӯи натиҷаҳои он хулосаҳо бароварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, рушди устувор, рушди иқтисодию иҷтимоӣ, ҳадафҳои стратегӣ, Стратегияи миллии рушд, истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ*

*Рассмотрена проблема социально-экономического развития Республики Таджикистан. Прежде всего изучены существующие проблемы в сфере экономики. Исследуются основные направления развития страны во взаимосвязи со стратегическими целями, указанными в Национальной стратегии развития, - вывод Таджикистана из коммуникационного тупика, обеспечение энергетической независимости, продовольственной безопасности, ускоренной индустриализации. Опираясь на статистические данные, приведены показатели по снижению уровня бедности, улучшению благосостояния населения страны. Указывается на важные государственные документы, отмечен правильно выбранный руководством страны политический курс, который способствовал социально-экономическому развитию. Проанализированы важные экономические показатели и по их результатам сделаны адекватные выводы.*

***Ключевые слова****: экономика, устойчивое развитие, социально-экономическое развитие, стратегические цели, Национальная стратегия развития, энергетическая независимость, продовольственная безопасность*

*The article dwells on the problem beset with socio-economic development of Tajikistan Republic. First of all, existing problems dealing with the economic sphere are canvassed. The main streamlines aimed at the country's development are examined in connection with the strategic goals specified in the National Development Strategy - bringing Tajikistan out of the communication impasse, ensuring energy independence, food security and accelerated industrialization. Designing on the premise of statistical data the author of the article adduces indicators to reduce poverty and improve the well-being of the country's population. It is underscored that important state documents are pointed out, the political course chosen correctly by the country's leadership*

*promoted socio-economic development. In his article the author conducts an analysis concerned with important economic indicators and makes adequate conclusions based on their results.*

**Key-words:** *economics, sustainable development, socio-economic development, strategic goals, National Development Strategy, energy independence, food security*

Дар ҳафт соли аввали истиқлолият дар иқтисодиёти Тоҷикистон якҷоя ба вуқӯъ пайвастани сатҳи нисбатан баланди таваррум бо рукуди истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ ва афзоиши бекорӣ як падидаи хос гардид. Вале аз давраи фаро расидани суботи пурраи сиёсӣ (“Ваҳдати миллӣ” аз соли 1997) ба туфайли сиёсати оқилона ба Ҳукумат муяссар гардид, ки дар мамлакат аксари масъалаҳои иҷтимоию иқтисодиро ҳал кунад. Аз ҷумла, сатҳи таваррум то ба сатҳи эътидол коҳиш ёфт, суръати мусбати рушди иқтисодӣ ба даст омад, сатҳи камбизоатӣ поён рафт ва ғайра. Махсусан бо оғози ҳазорсолаи нав дар мамлакат тадриҷан рӯҳияи созандагӣ, ободонӣ афзоиш меёбад, суръати фаъолнокии аҳолӣ назаррас зиёд мешавад. Дар натиҷа суръати миёнасолонаи рушди иқтисодӣ дар 26 соли охир (аз соли 1997 то имрӯз) бештар аз 7,3 %-ро ташкил мекунад. Дар мамлакат мақсадҳои зерини стратегӣ қабул шуда, бомуваффақият амалӣ гардида истодаанд: раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, саноатикунонии босуръати тамоми мамлакат.

Бо вуҷуди комёбиҳои назаррас баъзе масъалаҳо, аз ҷумла хавфи болоравии таваррум, сатҳи нисбатан баланди касодшавии субъектҳои бахши воқеии иқтисодиёт, дар таъмини қисми муайяни молу маҳсулот вобаста будан аз воридот, суръати сусти инкишофи соҳаи соҳибкории хурду миёна, сатҳи нокифояи ба кор андохтани иқтидорҳои истеҳсолӣ ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Манзараи умумӣ бо он тавсиф мешавад, ки муаммоҳои мазкур дар пешравии иқтисодиёти ватанӣ монеаҳо ба вуҷуд меоранд. Самтҳои ҳалли муаммоҳои мазкур дар барнома, стратегия ва ҳуҷҷатҳои расман қабулшуда, аз ҷумла Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030  аниқ ва мушаххас гардидаанд. Масалан, дар Паёми Президенти мамлакат Э.Раҳмон аз 23 декабри соли 2022 дар баробари зикри комёбиҳо дар соҳаи иқтисодиёт дар давраи гузашта оид ба ҳалли масоили бекорӣ, нигоҳ доштани суръати таваррум, тезонидани рушди бизнеси хурду миёна, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва энергетикӣ, саноатикунонии минтақаҳо дастурҳои амиқу дақиқ дода шудаанд. Махсусан таъкид кардан зарур аст, ки дар самти ташаккули пояи мустаҳкам барои барқарор намудани парадигмаи иқтисодӣ, яъне гузариш ба иқтисодиёти донишасос (оид ба тақвияти ташаккули сармояи инсонӣ), бунёди иқтисодиёти сабз дар мамлакат дастурҳои мушаххас ироа гардидаанд.

Боиси таъкид аст. ки дар фалсафаи давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан то ҳол ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат таъмин намудани рушди устувори иқтисодии кишвар тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дарёфти манбаъҳои нави рушд, тараққӣ додани соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, инкишофи нерӯи инсонӣ ва бо ҳамин роҳ мунтазам беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон мебошад.

Дар ҳақиқат Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият мушкилиҳои зиёди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиро паси сар намуда, танҳо ба шарофати пешбурди сиёсати муваффақонаи Пешвои миллат ба таъмини зиндагии шоистаи мардум ноил гардид.

Агар ба саҳифаҳои таърихи начандон тӯлонии истиқлолияти Тоҷикистони муосир назар афканем, дар оғози он бо талоши бемантиқонаи афроду гурӯҳҳои алоҳида барои ба даст овардани молу мансаб, ҷомеа мубталои ҷанги шаҳрвандӣ гардида, хатари порокандашавии миллат ва сукути давлатдории тоҷикон баръало эҳсос мегардид. Дар ин давра зери таъсири

бухронҳои трансформатсионӣ ва мунокишаҳои шаҳрвандӣ мамлакат талафоти зиёди иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дид.

Лозим ба зикр аст, ки махсусияти буҳронҳои давраи гузариш, оқибатҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷанги шаҳрвандӣ, ташаккули ободкорӣ ва созандагӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол алҳол ба қадри бояду шояд омӯхта нашудаанд. Вале, аз рӯи адолат зикр кардан лозим аст, ки ҷанбаҳои алоҳидаи бухронҳои давраи гузариш дар асарҳои олимони иқтисоддони ватанӣ, аз ҷумла Саидмуродов Л.Х. [1., с. 27-58], Назаров Т.Н. [2., с.14-32], Раҳимов Р.К. [3., с.34-57], Қаюмов Н.К. [4., с.17-38], Қодиров Д.Б. [5] ва дигарон мавриди таҳиқ қарор гирифтаанд.. Бо вуҷуди ин хусусияти серҷанба ва динамикии рушди иқтисодӣ, таъмини ҷараёни ободкориву созандагӣ бо захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ ва ғайра таҳқиқи муттасилро дар фазою вақти мушаххас тақозо менамояд. Дар ин бора олимони ватанӣ Л. Саидмуродзода, Д. Ҷалилзода дуруст қайд намуданд, ки “Таҳаввулоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳои ҷомеаи мо ба фаъолияти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робита дорад. Дар бораи нақши таърихии он дар барқарорсозӣ ва таҳкими сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр асарҳои илмӣ навишта шудаанд, аммо аҳаммияти бузург ва нишондоди он дар ташаккул ва рушди заминаҳои иқтисодиёти конститутсионӣ дар Тоҷикистон чун заминагузори рушди ҷомеаи муосири демократӣ, мутаассифона, то кунун ба таври комилу муфассал арзёбӣ нашудааст” [6].

Дар ҳақиқат, ҷанги шаҳрвандӣ бар замми талафоти зиёди ҷонӣ, бепарастор мондани ҳазорҳо кӯдакон, вайроншавии манзилҳои истиқоматӣ, гурезашавии шаҳрвандон, аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ, зиёдшавии шумораи бекорон ва болоравии сатҳи камбизоатӣ боз ба иқтисодиёти кишвар зиёда аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зарари моддӣ расонида буд, ки оқибатҳои он то ҳол эҳсос карда мешаванд. Дар яке аз сарчашмаи илмии иқтисодӣ қайд карда шудааст, ки “ҳаҷми истеҳсолоти ММД дар ҷумҳурӣ соли 1996 ҳамагӣ 32,6 % соли 1991-умро ташкил намуд, ки дар умум пастшавӣ 67,4 % буда, дар байни дигар давлатҳои собиқ иттиҳоди шуравӣ бисёр амиқ ва гарон арзёбӣ мегардад. Муаммои таваррум низ дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар давлатҳои ИДМ нисбатан шадидтар гашт, яъне сатҳи миёнасолонаи таваррум дар давраи мазкур 415,4 % ташкил кард, камбизоатӣ бошад зиёда аз 80%-и аҳолиро дар бар гирифт” [7, с. 21].

Маҳз дар чунин давраи мушкилу вазнин роҳбарии давлатро Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зимма гирифтанд. Маҳз иродаи қавӣ ва кордонии Пешвои миллат буд, ки аз рӯзҳои аввали роҳбариашон кӯшиш намуданд, вазъи сиёсии кишварро ба эътидол оварда, пастравии сатҳи истеҳсолотро боз доранд ва иқтисодиёти фалаҷшудаи кишварро бо қабули барномаҳо дар як муддати кӯтоҳ аз вазъи номусоид берун оранд. Дар ин бобат дар Паёми навбатии Сарвари давлат чунин омадааст: “Таъкид менамоям, ки бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад” [8, с. 7].

Пешрафти босуботи иқтисоди мамлакат, пеш аз ҳама, дар натиҷаи татбиқи ҳуҷҷатҳои қабулгардидаи афзалиятнок, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015», «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018», барномаҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва дигар барномаҳои давлатӣ таъмин гардида, ҳоло дар мамлакат

ҳуҷҷати асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, яъне Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ гардида истодааст [9].

Дар ин самт пеш аз ҳама баррасии амалишавии ҳадафи таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар аз рузҳои аввали эълон гаштани ҳадафи мазкур то ҳоло ҷиҳати ҳалли мушкилоти соҳаи энергетика 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 57,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ аз 14,8 миллиард киловаттсоат дар соли 1995-ум то 24,4 миллиард киловаттсоат дар соли 2022 расонида шуд. (расми 1.) Маълумоти муфассали омории истеҳсоли нерӯи барқ дар давоми солҳои соҳибистиқлолии мамлакат дар расми 1 оварда шудааст.

***Расми 1.***

***Истеҳсоли нерӯи барқ дар солҳои 1995-2022 (бо млрд. квт/ст)***




***Сарчашма:*** *Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, – 2022. – С. 10-29.*

Ҳамзамон, ба туфайли талошҳои созанда ду агрегати НБО-и «Роғун» ба истеҳсоли неруи барқ шуруъ кард, ки ба рафъи маҳдудсозии интиқоли барқ дар фасли зимистон мусоидат мекунад.

Истеҳсоли нерӯи барқ солҳои охир нисбат ба давраҳои қаблӣ назаррас афзоиш ёфтааст. Масалан, соли 2022 истеҳсол ва пешниҳоди барқ нисбат ба солҳои 1995 бо тарзи умум 1,65 маротиба, соли 2015-ум 1,43 маротиба, соли 2020-ум 1,23 маротиба зиёд гаштааст. Бо вуҷуди коҳиш додани сатҳи шадиди норасоии барқ дар иқтисодиёти миллӣ ҳоло талабот ба он пурра қонеъ гардонида нашудааст. Дар фасли зимистон ҳолати мазкур бештар дарк карда мешавад. Боиси таъкид аст, ки барои боз ҳам бештар афзоиш додани истеҳсолоти неруи барқ дар ҷумҳурӣ имконият хело зиёд аст. Ба ибораи дигар минбаъд истеҳсол ва пешниҳоди нерӯи барқ метавонад ба яке аз сарчашмаҳои асосии ғанӣ гардонидани захираҳои тиллоӣ-асъории кишвар мубаддал гардад.

Мусаллам аст, ки таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки ҳар як давлату миллат маҳсуб ёфта, пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣ ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад.

Тавре Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ қайд намуданд: «Мо амнияти озуқавории кишварро танҳо дар сурате таъмин карда метавонем, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худиро ҳарчи бештар афзоиш дода, аз маводи ғизоии воридотӣ камтар вобаста бошем». Бинобар ин зарур аст, ки дар самти истифодаи самараноки

заминҳои кишоварзӣ, қитъаҳои наздиҳавлигӣ, ташкили кишти такрорӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, гирифтани се-чор ҳосил аз як замин ва захираи зарурии маводи хӯрокворӣ мунтазам тадбирҳо андешида шаванд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар зиёда аз 112 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардидааст, ки дар ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат, бо ҷойи корӣ таъмин намудани аҳолӣ, рушди содирот ва бо ашёи хом таъмин кардани саноати хӯрокворӣ ва бо ҳамин васила барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши назаррас дорад.

Инчунин бо назардошти афзоиши шумораи аҳолии мамлакат ва бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоии мардуми кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 135 ҳазор гектар замини наздиҳавлигӣ тақсим карда шуд, ки ин тадбир ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуда, нишондиҳандаи мазкур аз 7,05 (1995) то 47,7 (2022) миллиард сомонӣ расонида шуд (ниг. ба расми 2).

***Расми 2.***

***Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (бо миллиард сомонӣ)***




***Сарчашма:*** *Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, – 2022. – С. 10-29.*

Аз расми 2 бар меояд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тамоюли рушд дорад. Алалхусус сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 1995-ум 6,8 маротиба, соли 2015 -ум 2,2, соли 2020 -ум 1,42 маротибаро ташкил кардааст. Аммо бо маҳсулоти кишоварзии ватани пуркард нашудани бозори миллӣ аз он дарак медиҳад, ки ин масъала ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Дар ин давра истеҳсоли ғалладона ва лӯбиёгӣ 4,6 маротиба, картошка 5,5 маротиба, сабзавот 3,4 маротиба, полизии озуқаворӣ беш аз 4 маротиба зиёд гардид. [10., с.16]

Баробари таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, аз марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ роҳбарияти мамлакат дар доираи стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон масъалаи ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистонро яке аз афзалиятҳои рушд муайян намуда, тибқи стратегияи мазкур дар самтҳои ташаккули шабакаи ягонаи роҳҳои автомобилгарди дохили кишвар, пайваст намудани он ба шоҳроҳҳои байналмилалӣ ва ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия ва Созишномаҳои байналмилалӣ оид ба равобити нақлиётӣ корҳои зиёдро ба сомон расонидааст, ки ба ҳалли мушкилиҳои зиёди мардум дар шаҳру ноҳияҳо мусоидат менамоянд.

Бо ин мақсад, дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи нақлиёти кишвар 53 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 20,3 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, беш аз 2200 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ бунёд ва ба истифода дода шуд. [8, с.15]

Корҳои дар ин самт анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо, ки ҳамасола аз ҷониби таҳқиқоти байналмилалии

“Ҳисоботи ҷаҳонии рақобатпазирӣ” гузаронида мешавад, дар зарфи ду соли охир 20 зина беҳтар гардад. Тоҷикистон тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар байни 141 давлати мавриди таҳқиқ зинаи 50–умро ишғол намуд [11].

Ҳамчунин, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар доираи иштирок дар Саммити сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мавзеъҳои наздисоҳилӣ ва дар баҳри Хазар масъалаи рушду густариши муносибатҳои кишварҳои минтақаро ҷиҳати ташкили долони нақлиётӣ ва баромадан ба баҳри Хазар ибрози андеша намуданд, ки он баҳри расидан ба ҳадафи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ҳамзамон, дар марҳилаи нави рушди иқтисоди миллӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона карда шуда, саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чорум эълон карда шудааст.

Тибқи маълумоти оморӣ агар соли 2010 дар кишвар ҳамагӣ 1368 корхонаҳои саноатӣ бо 53 ҳазор нафар кормандон ба қайд гирифта шуда бошад, дар дувоздаҳ соли охир, яъне соли 2022 шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2274 адад ва шумораи кормандон ба 75 ҳазор нафар расида, тибқи ҳадафҳои муайянгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 7 соли оянда бояд шумораи корхонаҳо ба 3500 адад расонида шавад [12, с. 13].

Ба туфайли андешидани тадбирҳо дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегӣ алҳол сатҳи зиндагии мардум назар ба ду даҳсолаи қаблӣ хеле пеш рафта, зиндагии шоистаи мардум давра ба давра таъмин шуда истодааст.

Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар аз 700 миллион сомонии соли 1995 ба 82,5 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расид, яъне нишондиҳандаи мазкур зиёда аз 100 маротиба афзудааст. Ҳамзамон, давоми ду даҳсолаи охир маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ аз 288,7 сомонӣ ба ҳар нафар дар соли 2000, то ба 8800 сомонӣ дар соли 2022 расид, ки зиёдшавии он дар ин марҳила 29,5 маротибаро ташкил менамояд. Суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодӣ ба 7 фоиз баробар шуд, ки ин нишондиҳанда дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ нишондиҳандаи баланд ба ҳисоб меравад.

Бақияи пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар соли 2022 беш аз 9,5 миллиард сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум ҳамагӣ 2,4 миллион сомониро ташкил медод. Нишондиҳандаи мазкур нисбати соли 2000-ум 3900 маротиба зиёд гардидааст. Дар заминаи татбиқи саривақтӣ ва босифати ҳуҷҷатҳои стратегӣ нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 81%-и соли 1999 то 25,3% дар соли 2022 паст гардида, сохтори истеъмолии аҳолӣ тағйир ёфт ва дар он ҳиссаи хароҷоти ғайриозуқаворӣ бамаротиб зиёд гардид. [13, с. 24]

Бояд гуфт, ки даромади буҷети давлатӣ низ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми иқтисодӣ баъд аз соҳибистиқлолӣ сол то сол афзуда истодааст. Нишондиҳандаи мазкур агар дар соли 1995 як миллион сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2022 он ба зиёда аз 23,6 миллиард сомонӣ расид, ки 236 маротиба афзудааст. Аз таҳлил бармеояд, ки аз соли 2000-ум то соли 2010 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ манзили истиқоматӣ ба масоҳати 6 миллион метри мураббаъ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ бо зиёда аз 160 ҳазор ҷойи нишаст ва муассисаҳои тандурустӣ бо 3 ҳазор кат сохта, ба истифода дода шуданд.

Давоми даҳ соли охир бошад, 12 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ, ки нисбат ба даҳсолаи пешин як маротиба бештар аст, барои зиёда аз 221 ҳазор кӯдакону хонандагонг муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар муқоиса бо даҳсолаи пеш 45

фоиз бештар аст, муассисаҳои тандурустӣ бо 10 ҳазор кат, ки нисбат ба даҳсолаи пешин 3,3 маротиба зиёд аст, сохта ва ба истифода дода шудаанд.

Давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ ба рушди варзиш ва оммавигардонии он аҳаммияти аввалиндараҷа дода, ҳазорҳо иншоотҳои варзишӣ бунёд ва ба истифода дода шуд. Дар ин давра теъдоди иншоотҳои варзишӣ ба 10 ҳазор адад расонида шуд, ки нисбат ба соли 1991 беш аз 9 баробар зиёд мебошад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 2164 корхонаҳои истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум 758 ададро ташкил мекард, яъне шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ зиёда се маротиба афзоиш ёфтааст. Даромади пулии аҳолӣ дар соли 2022 47 миллиону 986 ҳазор сомониро ташкил дода, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2000-ум ҳамагӣ 9 миллиону 900 сомониро ташкил медод. Яъне даромади пулии аҳолӣ соли 2022 назар ба соли 2000-ум 5,2 маротиба боло рафтааст. Ҳисоби миёнаи музди маоши кори ҳармоҳаи як корманд агар дар соли 2000-ум ҳамагӣ 15,5 сомониро ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 1400 сомонӣ расид, ки нисбати бист соли қаблӣ 90 баробар зиёд мебошад.

Барои мисол, агар соли 2000-ум ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ 19 мошинаи шахсӣ рост ояд, ин нишондиҳанда дар соли 2022 46 ададро ташкил намуд, ки гувоҳӣ аз болоравии сатҳи зиндагии мардум мебошад. Дар ин давра, яъне аз соли 2000-ум то соли 2022 дарозумрии миёнаи шаҳрвандон аз 68,2 то 75,1 сол боло рафтааст, яъне қариб 7 сол зиёд шудааст. Баробари ин, танҳо дар зарфи се соли охир дар доираи омодагиҳо ба таҷлили ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар беш аз 25 ҳазор иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ ва сайёҳӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон дар байни 82 давлати рӯ ба рушд қарордошта аввалин кишварест, ки барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид самтҳои асосии Стратегияи Миллии Рушдро барои давраи то соли 2030 таҳия намуда, иҷрои муваффақонаи онро таъмин намуда истодааст. Давоми танҳо 7 соли охир барои амалӣ намудани Стратегияи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармояи хориҷӣ ба маблағи 41,6 миллиард сомонӣ (13 миллиард доллари амрикоӣ) пешбинӣ шуда буд, ки истифодаи мақсадноки он низоми иқтисоди мамлакатро тақвият мебахшад.

Оғоз аз соли 2000 инҷониб бо ташаббусҳои Роҳбари кишварамон вобаста ба об, ки аз ҷониби беш аз 180 давлати ҷаҳон дастгирӣ ёфтааст, Асамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид 7 қарордод қабул намудааст. Ҳар як ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳимояи давлату миллати тоҷик буда, кӯшиш мекунанд, ки миллати тоҷик то абад орӣ аз ҳама мушкилоти зиндагӣ бошанд ва ҳамеша зиндагии осуда баранд.

Дар маҷмуъ, тафсир ва таҳлили сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон ва мардуми шарафманди он дар тӯли қариб 32 соли роҳбарии сиёсатмадори бузурги аср давраҳои вазнини вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиро паси сар намуда, бо татбиқу роҳандозӣ намудани барномаҳои давлатӣ ва густариши ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо кишварҳои дунё ва созмонҳои байналмилалӣ Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуда, мавқеи онро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, ташаббускор барои ҳалли масъалаҳои глобалии ҷаҳонӣ, сулҳхоҳу сулҳпарвар ва созандаву башардӯст дар минтақа ва ҷаҳон пойдор намуд ва ин сиёсати муваффақонаи Сарвари кишварамон буд, ки сатҳ ва некӯаҳволии мардум сол то сол баланд гардида, бо иҷрои ҳадафи олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагии шоистаи мардуми кишвар амалӣ гардида истодааст.

### *ПАЙНАВИШТ:*

1. *Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана / Л.Х. Саидмурадов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 345 с.*
2. *Назаров Т.Н. Некоторые проблемы развития рыночной экономики и повышения ее эффективности / Назаров Т.Н. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2006. - № 2. – С. 14-32.*
3. *Рахимов Р.К. К вопросу финансово-кредитных рычагах развития экономики Таджикистана / Рахимов Р.К. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - Душанбе, 2005. -№ 4. -С. 34 -57.*
4. *Каюмов Н.К. Еще раз о необходимости ускорения темпов экономического роста / Каюмов Н.К. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2006. -№ 2. - С. 17-38.*
5. *Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния / Кадыров Д.Б. – Воронеж: ВГУ, 2004. – 230 с.*
6. *Саидмуродзода Л., Ҷалилзода Д. Нақши пешвои миллат дар ташаккули заминаҳои иқтисодиёти конститутсионӣ / Саидмуродзода Л., Ҷалилзода Д. / www.sadoimardum.tj*
7. *Ризоқулов Т.Р. Проблемы макроэкономической нестабильности и их регулирование в экономике Таджикистана / Ризоқулов Т.Р. – Худжанд: Технопарк ТГУПБП, 2021. – 286 с.*
8. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.12.2022.*
9. *www.mmk.tj – сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузор (санаи муроҷиат 07.12.2023)*
10. *Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – С. 10-29.*
11. *Рейтинг стран по уровню конкурентоспособности в 2022 году. - https://www.mercuryestate.com/ru/novosti/rejting-stran-po-urovnyu-konkurentosposobnosti-v-2022-godu.html*
12. *Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 10-29.*
13. *Бюллетени омори бонкӣ // 2022. № 12 (329). – 103 с.*

### *REFERENCES:*

1. *Saidmuradov L.Kh. Economic theory of open farming and problems of modern Tajikistan / L.Kh. Saidmuradov. – Dushanbe: Irfon, 2005. – 345 p.*
2. *Nazarov T.N. Some problems of developing a market economy and increasing its efficiency / Nazarov T.N. // Economy of Tajikistan: development strategy. – Dushanbe, 2006. - No. 2. – P. 14-32.*
3. *Rakhimov R.K. On the issue of financial and credit levers for the development of the economy of Tajikistan / Rakhimov R.K. // Economy of Tajikistan: development strategy. - Dushanbe, 2005. -No. 4. -P. 34 -57.*
4. *Kayumov N.K. Once again about the need to accelerate the rate of economic growth / Kayumov N.K. // Economy of Tajikistan: development strategy. –Dushanbe, 2006. -No. 2. - P. 17-38.*
5. *Kadyrov D.B. Population income as a factor in the growth of well-being / Kadyrov D.B. – Voronezh: VSU, 2004. – 230 p.*
6. *Saidmuradzoda L., Jalilzoda D. The role of the leader of the nation in the formation of the foundations of the constitutional economy / Saidmuradzoda L., Jalilzoda D. / www.sadoimardum.tj*
7. *Rizakulov T.R. Problems of macroeconomic instability and their regulation in the economy of Tajikistan / Rizokulov T.R. - Khujand: Technopark TSULBP, 2021. - 286 p.*

**8.** *Message of Tajikistan Republic President, Honorable Leader of the Nation Emomali Rahmon to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, 23.12.2022.*
**9.** *www.mmk.tj – the official website of the National Legislative Center (date of request: 07.12.2023)*
**10.** *Collection of annual statistics of Tajikistan Republic. - Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. - 2022. - p. 10-29.*
**11.** *Ranking of countries by level of competitiveness in 2022. - https://www.mercuryestate.com/ru/novosti/rejting-stran-po-urovnyu-konkurentosposobnosti-v-2022-godu.html*
**12.** *Collection of annual statistics of Tajikistan Republic. - Dushanbe: Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, 2022. - p. 10-29.*
**13.** *Bulletin of banking statistics // 2022. No. 12 (329). - 103 p.*